ТДУ 339.92

# САРМОЯГУЗОРҲОИ ХОРИҶӢ - ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТ

**Ҳусенов Б.Ҳ.- ассистенти ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур**

***Калимаҳои калидӣ:*** *ҷолибнокии сармоягузорӣ, сармоягузории хориҷӣ, рушди соҳаҳо, иқтисодиёт, ҳаҷми сармоягузорӣ.*

Дар шароити бозор рушди бемайлони иқтисодиёти кишвар бидуни сармоягузориҳо ғайриимкон аст, зеро сармоягузорӣ муҳаррики пешрафти давлатҳо аст. Дар ин самт мавқеи сармоягузории хориҷӣ назаррас мебошад. Дар баробари ин воридоти сармояи хориҷӣ самаранокии рушди иқтисодиро ҳавасманд гардонида, устувории сиёсӣ иҷтимоиро таъмин менамояд.

Ҷалби бомуваффақона ва татбиқи босамари сармоягузориҳои хориҷӣ танҳо бо роҳи фазои мусоид ва устувори сармоягузорӣ имконпазир буда, ҷузъҳои муҳими он устувории сиёсӣ, шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, инчунин мавҷудияти асосҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ, ки манфиатҳои шахсӣ ва ҷамъиятиро ба ҳисоб гирифтаанд, мебошад.

Чӣ хеле, ки маълум аст сармоягузори хориҷӣ - давлати хориҷӣ, шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин ташкилоти байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории кишвар будубош мекунанд ва худро сармоягузорӣ менамояд, ҳисобида мешавад.[1]

Ба ақидаи Ҷ. Швартсенберг сармоягузориҳои хориҷӣ қарзҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлате номида мешаванд, ки барои воридоти дастгоҳ ва хизмат, ҳамчунин амволи гуногуни дигар аз он ҷумла тамоми ҳуқуқ ва манфиатҳои мустақим ва ғайри мустақиме, ки шахс берун аз кишвар дорост, таъин гардидааст.[2]

Дар таҳлили ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҷолибнокии сармоягузории иқтисодиёти кишварро низ ба назар гирифтан зарур аст. Ҷолибнокии сармоягузорӣ - мавҷудияти шароити муайяне, ки ба афзалияти сармоягузор дар интихоби объекти сармоягузорӣ таъсир мерасонад. Барои муайян кардани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар даҳ соли охир ҷадвали зеринро таҳлил мекунем (ҷадв. 1).

**Ҷадвали 1.**

**Ҳиссаи давлатҳои ҷаҳон дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон** (миллион доллари ИМА)

| **№ б/т** | **Кишварҳо** | **Солҳои 2007-2018** | **Ҳиссаи давлатҳо дар ҳаҷми умумии сармоягузорӣ** |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҷумҳурии Халқии Хитой | 2 580,5 | 27,5 |
| 2. | Федератсияи Расия | 1595,6 | 17,0 |
| 3. | Қазоқистон | 568,0 | 6,1 |
| 4. | Британия Кабир | 645,2 | 7,0 |
| 5. | Иёлоти Мутаҳидаи Амрико | 678,8 | 7,3 |
| 6. | Филиппин | 455,6 | 4,9 |
| 7. | Эрон | 281,7 | 3,0 |
| 8. | Озарбойҷон | 241,9 | 2,6 |
| 9. | Люксембург | 262,7 | 2,8 |
| 10. | Кипр | 208,6 | 2,3 |
| 11. | Олмон | 175,1 | 1,9 |
| 12. | Аморати Муттаҳидаи Араб | 200,5 | 2,1 |
| 13. | Дигар давлатҳо | 1457,7 | 15,6 |
| | Ҳамагӣ сармоягузориҳо | 9351,9 | 100 |

***Манбаъ:*** *Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Чи тавре аз маълумоти ҷадвали 1 дида мешавад, дар давоми солҳои 2007-2018 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 61 кишвари ҷаҳон сармоягузорӣ намудаанд. Дар байни онҳо ҳиссаи Ҷумҳурии Халқии Хитой нисбатан зиёд буда – 2 580,5 млн. долл. ИМА ва ё 27,9%-и сармоягузориҳои хориҷиро ташкил медиҳад. Таҳлил нишон дод, ки маблағи лоиҳаҳои қарзии Ҷумҳурии Халқии Хитой ба соҳаҳои алоқа, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ, истихроҷи маъдан, васлу насби таҷҳизоти технологӣ, саноат, сохтмон ва дигар намуди хизматрасонӣ равона гардидааст. Дар ин самт ҳиссаи Федератсияи Расия нисбат ба дигар давлатҳо назаррас аст. Ҳаҷми сармоягузориҳои он ба иқтисоди ҷумҳурӣ беш аз 1 595,6 млн. долл. ИМА ва ё 17,2% сармоягузориро ташкил медиҳад. Бояд ёдовар шуд, ки аз ҷониби Федератсияи Россия асосан ба соҳаҳои сохтмон, алоқа, омӯзиши геологӣ, хизматрасонии молиявӣ, тандурустӣ, саноат, савдо, энергетика, туризм ва дигар намуди хизматрасонӣ сармоягузорӣ карда шудааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки кишварҳои дигар низ дар ин давра ба иқтисоди ҷумҳурӣ сармоягузорӣ намудаанд, аммо ҳиссаи онҳо нисбатан камтар аст. Мисол, Қазоқистон 568,0 млн. долл. ИМА – 6,1% (хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ, истихроҷ, саноат ва савдо), Британия Кабир – 645,2 млн. долл. ИМА – 7,0% (омӯзиши геологӣ, истихроҷ, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, истихроҷи ангишт, саноат ва савдо), Иёлоти Муттаҳидаи Амрико – 678,8 млн. долл. ИМА – 7,3% (алоқа, хизматрасонии молиявӣ, маориф, кишоварзӣ, тандурустӣ, обтаъминкунӣ ва соҳилмустаҳкамкунӣ,

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, № 357

[2] Шварценбергер Дж. Политическая власть. Изучение мирового сообщества, стр. 372.

сохтмон, омӯзиши геологӣ ва истихроҷ, саноат), Филиппин – 455,6 млн. долл. ИМА – 4,9% (кишоварзӣ, сохтмони роҳ, хизматрасонӣ, васлу насби таҷҳизоти технологӣ, хизматрасонии молиявӣ, идоракунии давлатӣ, тандурустӣ ва маориф), Эрон – 281,7 млн. долл. ИМА – 3,0% (саноат, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, савдо), Озарбойҷон – 241,9 млн. долл. ИМА – 2,6% (хизматрасонии молиявӣ), Люксембург – 262,7 млн. долл. ИМА - 2,8% (хизматрасонии молиявӣ), Кипр – 208,6 млн. долл. ИМА – 2,3% (сохтмон, туризм ва савдо), Олмон – 175,1 млн. долл. ИМА - 1,9% (хизматрасонии молиявӣ, васлу насби таҷҳизоти технологӣ), Аморати Мутаҳидаи Араб - 200,5 млн. долл. ИМА - 2,1% (хизматрасонии молиявӣ, омузиши геологӣ ва истихроҷ, саноат ва савдо) ва дигар давлатҳо - 1457,7 млн. долл. ИМА - 15,7% мебошад.

Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки дар шароити имрӯза диққати сармоягузорон пеш аз ҳама ба ҳамон соҳаҳое нигаронида шудааст, ки самаранокии сармоягузорӣ баланд ва хатари сармоягузорӣ пасттар аст. Ҷараёни ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст (ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2.**

**Сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоди Тоҷикистон** (млн. доллар)

| № б/т | Нишондиҳандаҳо | Ба ҳисоби миёна дар зарфи сол- ҳои 2007-2018 | Бо % нисбат ба ҳамагӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | Энергетика | 596,8 | 14,92 |
| 2. | Алоқа | 407,8 | 10,19 |
| 3. | Сохтмон | 358,8 | 8,97 |
| 4. | Хизматрасонии молиявӣ | 411,2 | 10,28 |
| 5. | Омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок | 960,2 | 24 |
| 6. | Саноат | 700,5 | 17,51 |
| 7. | Савдо | 36,1 | 0,90 |
| 8. | Саноати хурока | 34,2 | 0,85 |
| 9. | Тандурусти | 5 | 0,12 |
| 10. | Кишоварзӣ | 101,3 | 2,53 |
| 11. | Туризм | 17,2 | 0,43 |
| 12. | Маориф | 46,3 | 1,15 |
| 13. | Нақлиёт | 83,4 | 2 |
| 14. | Саноати сохтмонӣ | 146,5 | 3,66 |
| 15. | Дигар соҳаҳо | 89,5 | 2,23 |
| | Ҳамагӣ сармоягузориҳои мустақим | 4000 | 100 |

***Манбаъ:*** *Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба ҳисоби миёна дар зарфи солҳои 2007 - 2018 асосан ба соҳаҳои энергетика - 596,8 млн. долл. ИМА (14,92%), алоқа - 407,8 млн. долл. ИМА (10,19%), сохтмон – 358,8 млн. долл. ИМА (8,97%), хизматрасонии молиявӣ – 411,2 млн. долл. ИМА (10,28%), омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок – 960,2 млн. долл. ИМА (24,0%), саноат – 700,5 млн. долл. ИМА (17,51%), савдо – 36,1 млн. долл. ИМА (0,90%), саноати хӯрока – 34,2 млн. долл. ИМА (0,85%), тандурустӣ – 5 млн. долл. ИМА (0,12%), кишоварзӣ – 101,3 млн. долл. ИМА (2,53%), туризм – 17,2 млн. долл. ИМА (0,43%), маориф – 46,3 млн. долл. ИМА (1,15%), нақлиёт – 83,4 млн. долл. ИМА (2,0%), саноати сохтмонӣ – 146,5 млн. долл. ИМА (3,66%) ва дигар соҳаҳо – 89,5 млн. долл. ИМА (2,23%) равона шудааст.

Аз маълумоти ҷадвали дар боло оварда шуда чунин хулоса кардан мумкин аст: дар давраи солҳои 2007-2018 сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ асосан ба соҳаҳои энергетика, алоқа, сохтмон, хизматрасонии молиявӣ, омӯзиши геологӣ ва истехроҷи канданиҳои фоиданок ва саноат бисёртар ҷалб гардидаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳаҳои номбурда ҷолибнок буда, таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷиро ба худ ҷалб намудаанд.

Ҳамин тавр, сармоягузории хориҷиро метавон ҳамчун омили суръатбахши рушди иқтисод, пешрафти технология, таҷдид ва навсозии дастгоҳҳои истеҳсолӣ, усулҳои пешрафтаи идоракунии истеҳсолот ва омода кардани мутахассисони баландихтисос номид. Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ метавонад боиси афзоиши намудҳои гуногуни маҳсулот гардад ва бо кӯмаки шарикони хориҷӣ густариш ёбад.

Барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот дар баъзе соҳаҳо, истифодаи технологияҳои хориҷӣ муҳим аст. Барои мисол, ин ба соҳаҳои истеҳсоли молҳои содиротӣ, истихроҷи маъдан ва коркарди нафт дахл дорад. Агар бо кӯмаки сармоягузориҳои хориҷӣ мо ба пешбурди ин вазифаҳо муваффақ шавем, ин барои эҷоди иқтисоди муосир саҳми назаррас хоҳад буд.

Дар ин росто, масъалаи ҷалби сармояи хориҷӣ, алалхусус дар шароити буҳрони сармоягузорӣ дар Тоҷикистон айни муддаост. Аз он, ки то кадом андоза ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ самарабахш мебошад, вобаста аст аз суръати рушд, дараҷа ва натиҷаи гузаронидани ислоҳот дар самти ҷалби сармоягузории хориҷӣ. Дар шароити гузариш аз як системаи хоҷагидорӣ ба системаи дигар ва таъмин намудани механизми чунин гузариш ҳаҷми зиёди сармоягузорӣ тақозо мегардад.

Барои дар оянда беҳтар намудани ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ба соҳаҳои иқтисоди мамлакат чунин пешниҳод дорем:

- таъмини рушди устувории соҳаҳои афзалиятнок бо роҳи имтиёзҳо ва дастгирии давлатӣ;

- таҳияи лоиҳаҳои афзалиятнок, ки таҳким ва густариши иқтидори содиротии кишварро таъмин менамояд;
- ташкили шароити баробар барои сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ;
- мукаммалгардонии механизми ҳимояи ҳуқуқии сармоягузорони хориҷӣ;
- беҳтар намудани фазои сармоягузории ҷумҳурӣ ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ.

## АДАБИЁТ


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 15 марти соли 2016, таҳти №1299
2. Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, таҳти №755
3. Зубченко Л. А. Иностранные инвестиции: Учебное пособие- М.: ООО «Книгодел», 2006
4. Инвестиции: Учебное пособие / М.В. Чиненов и [др.]; под ред. М.В. Чиненова - М.: КНОРУС, 2007. - 248 с.
5. Повышения инвестиционной привлекательности сельского хозяйства (мақола), Доклады ТАСХН. №4, 2009. - С. 52-55
6. Ҷалби сармоя – омили рушд (мақола), Бонкдорӣ дар Тоҷикистон №6 (59), 2014. – С. 46-48


## АННОТАЦИЯ

## ИНОСТРАННЫЕ ИНВЕСТИЦИИ - ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ


В данной статье рассматриваются проблемы привлечения иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан и анализировано его современное состояние. А также определена доля инвестиции иностранных государств в развитии отраслей экономики Республики Таджикистан.


## ANNOTATION

## THE FOREIGN INVESTMENT IS AN IMPORTANT FACTOR IN ECONOMIC DEVELOPMENT


In this article is presents about the problems of involving the foreign investment in the economy of the Republic of Tajikistan and analyzes the current condition. And also defined the share of investments of foreign countries in development of branches of economy of Republic of Tajikistan.



***Key words:*** *Involving the investments, foreign investments, development of branches, economy, amount of investments.*